**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар вазифаҳое ифода меёбад, ки муҳаққиқ назди худ гузоштааст. Қарорҳои пешниҳоднамудаи ӯ метавонанд дар коркард ва асосноксозии самтҳои ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ на танҳо бо Россия, балки бо кишварҳои дигари аъзои ИДМ истифода шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда, ки ба усулҳои айният, мушаххасият, муназзамии таҳқиқи падидаҳои ҳарбӣ-техникӣ асос ёфтаанд, метавонанд барои таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълим хизмат намоянд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби мақомотҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои дипломатӣ бо Федератсияи Россия дар соҳаи сиёсӣ ва ҳарбӣ истифода шаванд.

Маълумот, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳое, ки дар таҳқиқот ба назар мерасанд, метавонанд дар раванди таълим – ҳангоми хондани лексияҳо, курсҳои махсус, ҳангоми коркарди дастурҳои методӣ барои кумак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ, ки дар онҳо кафедраҳои ҳарбӣ амал менамоянд, инчунин, факултетҳои муносибатҳои байналхалқӣ истифода шаванд.

**Муқаррароти асосӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар солҳои охир масъалаҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи сиёсат, муносибатҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ дар ҷумҳурӣ ба таври назаррас фаъол шуданд. Ин амр бо он асоснок мегардад, ки дар минтақа ва ҷаҳон сатҳи ташаннуҷ меафзояд, ки дар навбати аввал бо фаъолшавии фаъолияти ДИИШ ва дигар гурӯҳҳои

террористӣ ва ифротгарой алоқаманд мебошад. Аз ин нуқтаи назар, алоқаҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия аҳамияти ниҳоят зиёд доранд. Ин алоқаҳо аз оғози роҳандозии онҳо бо назардошти як ҳадаф бунёд меёфтанд – ҳифзи сулҳ ва субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Танҳо дар асоси ин шарт метавон оид ба рушди минбаъда ва пешрафти кишварҳои минтақа ҳарф зад.

Барои ҳалли ин вазифаи муҳимтарин Россия ва Тоҷикистон дар асоси доимӣ ва дар сатҳҳои мухталиф машварат ва муҳокима баргузор мекарданд ва менамоянд. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои мубрами хислати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ равона мегардад. Ин ҳолат барои рушд ва мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон бо Россия, ки ба таъмини амният дар минтақа равона шудаанд, имконият фароҳам меоранд.

2. Айни замон таваҷҷуҳи махсусро ҳамкории ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия нишон медиҳад. Ин масъала дар илми сиёсатшиносии тоҷик то ҳол таҳқиқ нагардидааст. Муҳаққиқ чунин меҳисобад, ки самаранокии ҳамкорӣ байни ду кишвар аз сатҳи эътимоди мутақобила вобаста мебошад. Қобили зикр аст, ки дар охири асри XX ва оғози асри XXI байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия зиёда аз 270 созишномаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидорӣ ба имзо расид, ки 60 созишнома ба соҳаи ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ бахшида шудааст.

3. Аз оғози асри XXI муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар баъзе самтҳо нисбатан фаъолона инкишоф меёбад. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Федератсияи Россия тақрибан, фавран ба роҳандозии алоқаҳои наздики сиёсӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй овард. Чунин фаврият аз манфиатҳои возеҳи геополитикӣ бармеомаданд. Тавре таърих шаҳодат медиҳад, абарқудратҳои ҷаҳонӣ ҳамеша талоши ҳузури худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ доштанд. Дар ин ҳолат афзалият ба самти Россия қарор гирифт, ки бо ҷамоҳири пасошӯравии Осиёи Миёна, аз ҷумла, бо Тоҷикистон муносибатҳои мустаҳками дӯстонаро ба роҳ монд.

Дар маҷмӯъ, баъди таҳлили роҳи тайкардаи таҳкими муносибатҳои ҳарбӣ-техникӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар оғози садсолаи навин метавон се марҳилаи асосии ҳамкории дуҷонибаро дар ин самт ҷудо намуд:

- аз соли 1999 то нимаи аввали соли 2004;
- аз нимаи дуюми соли 2004 то нимаи аввали соли 2012;
- аз нимаи дуюми соли 2012 то марҳилаи муосир.

4. Самти муҳими мустаҳкам кардани ҳамкории ҳарбии байни Тоҷикистон ва Россия – ин баргузор кардани машқҳои муштараки ҳарбӣ ва аз ҷониби Россия омода кардани кадрҳои ҳарбӣ барои Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳамзамон, таҳлили амиқи фаъолияти ду кишвар дар қолаби шарикии стратегӣ нишон медиҳад, ки имрӯз низ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафу вазифаҳои мушаххаси худро нисбати Федератсияи Россия дар самти муносибатҳои мутақобилаи сиёсӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, ба хусус, дар соҳаи баргузор кардани машқҳои муштараки ҳарбӣ дар шароити хатарҳои муосири ваҳшатгароӣ (террористӣ) ва ифротгароӣ мушаххас накардааст.

5. Ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия усулҳои нав ва самараноки инкишофи раванди ҳамкорӣ дар қолаби чунин созмонҳои минтақавиро, аз қабили Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай тақозо менамояд.

6. Яке аз шаклҳои ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия ҳамкории онҳо дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба шумор меравад, ки дар чаҳорчӯбаи он то соли 2020 зиёда аз 30 мулоқоти сарварони кишварҳои аъзо баргузор шуданд. Дар қолаби дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкорӣ бо Россия ва кишварҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Тоҷикистон имконияти омода кардани кадрҳои ҳарбии худро дар муассисаҳои олии таълимии ҳарбии Федератсияи Россия дорад;

7. Мебояд алоқаҳои ҳарбӣ-техникии Россия бо Тоҷикистонро дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай низ мустаҳкам намуд. Ин имконияти ҳамаи ҷамоҳири пасошӯравиро дар муқобилият бо НАТО ва Иёлоти муттаҳидаи Америка дар минтақаи Осиёи Марказӣ афзоиш медиҳад. Баъди ворид шудани қувваҳои Иёлоти муттаҳидаи Америка ба Афғонистон ва Шарқи Наздик ҳолати буҳронӣ ба амал омад, ки асосан, аз самтгирии Вашингтон дар ин қисмати курраи Замин вобаста буд.

Ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон бо Россия дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай дар самтҳои дигар низ - мубориза бо паҳншавии маводи мухаддир ва масъалаҳои сарҳадӣ инкишоф меёбад. Таҷрибаи Созмони ҳамкории Шанхай – ин намунаи нисбатан муваффақи ҳамкории сарҳадӣ дар сатҳи давлатӣ-минтақавӣ мебошад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи илмӣ** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, тасдиқи сарчашмаҳои иттилоот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди

муқаррароти назариявӣ ва методӣ, тавсияҳо иборат мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

**Апробатсияи натиҷаҳои асосии таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. (суратмаҷлиси №8 аз 14 апрели соли 2020).

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 8 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Муқаррароти асосии диссертатсия инчунин, дар конференсияҳои сиёсатшиносӣ пешниҳод ва муҳокима гардидаанд, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ инъикос гаштаанд, ки дар маҷаллаҳои ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда чоп шуданд, инчунин, дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Томски Федератсияи Россия (соли 2014), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (солҳои 2015-2020), Донишгоҳи Россия-Точикистон (славянӣ) (солҳои 2017-2019), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли 2020) мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Муқаррароти алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар кори шуъбаи илмӣ-ҳарбии Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **«Муқаддима»** мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии масъала баррасӣ мешавад, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ навгонии илмии он, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавсия шуданд, асосии методологии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Ҷанбаҳои таърихӣ-сиёсии муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия»** инкишофи муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар шароитҳои нави таърихӣ, ҳолати кунунии он, инчунин, самтҳои асосӣ ва пояи ҳарбии инкишофи онҳо баррасӣ мегарданд.

Зербоби аввал **«Ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия ва самтҳои асосии он»** ба таҳлили ҳолат ва равандҳои инкишофи чунин самти афзалиятнок дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки муносибатҳои ҳарбӣ-сиёсӣ бо кишварҳои хориҷӣ ба шумор меравand. Таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаи мустаҳкам кардани алоқаҳо дар ин самт бо Федератсияи Россия равона мегардад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки баъди касби истиқлолияти Тоҷикистон, бо барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои мухталиф, ҳукумати ҷумҳурӣ дар навбати аввал ҳадафи мустаҳкам кардани алоқаҳоро бо Федератсияи Россия гузошт. Аз рӯзҳои аввал ин муносибатҳо намунаи шарикии стратегӣ ва муттаҳидӣ гаштанд. Ин муносибатҳо, аслан, бо фазои эътимоди хоса, якдигарфаҳмӣ ва кушода будан фаро гирифта шудаанд. Алоқаҳои деринаи таърихии Тоҷикистон ва Россия, моҳиятан, равобити дӯстонаи хуб ба роҳ мондашударо дар шароити истиқлолияти ҷамоҳири пасошӯравӣ мустаҳкам намуда, зарур буд, ки ба онҳо самтҳои нави рушд бахшида шаванд. Халқҳои Тоҷикистон ва Россияро таърихи умумӣ, таҷрибаи тӯлонии ҳамзистӣ дар давлати ягонаи бисёрмиллӣ ва бисёрмазҳабӣ муттаҳид менамояд. Мутаносибан, дар таҳаввули минбаъдаи муносибатҳо байни ин кишварҳо, аз ҷумла, дар самти ҳарбӣ, нақши калонро иродаи сиёсии роҳбарони онҳо, аз ҷумла, ҳукуматҳо дар маҷмӯъ бозидаанд. Иродаи мазкур дар он ифода ёфт, ки дар Тоҷикистон Гурӯҳи қувваҳои сарҳадии Федератсияи Россия дар ҳайати 5 дастаи сарҳадӣ, полки авиатсионӣ, захираи фармондеҳии гурӯҳи қувваҳои сарҳадӣ ташкил карда шуд. Гурӯҳи қувваҳои сарҳадӣ бо шумораи тақрибан 16 ҳаз.

нафар дар сарҳад амалан мустақилона фаъолият мекарданд. Дар ин қарина, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорро дар бораи тағйир додани Раёсати муҳофизати сарҳади давлатии кумитаи амният ба қувваҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуд, ки аз лиҳози ташкилӣ аз раёсат ва се дастаи сарҳадӣ иборат буд:

- дастаи сарҳадӣ дар ноҳияи Панҷ;
-дастаи сарҳадӣ дар шаҳраки Москва;
- дастаи сарҳадӣ дар ноҳияи Қалъаи Хумб;
- дастаи сарҳадӣ дар шаҳри Хоруғ ва шуъбаи Нуқтаи назоратӣ-гузаргоҳии «Хуҷанд» ва қисмҳои таъминотӣ.

Табиист, ки дар марҳилаи ташаккул бо назардошти теъдоди кам ва пурра муҷаҳҳаз набудан бо аслиҳаи техникӣ онҳо наметавонистанд сарҳадро муҳофизат намоянд. Зиёда аз 80% ҳайати шахсиро хизматчиёни ҳарбӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ташкил менамуданд. Ба ҳайати Гурӯҳи қувваҳои сарҳадии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, дохил шуданд: полки 23-юми алоҳидаи авиатсионӣ; маркази алоҳидаи радиоии 1-уми таъиноти махсус; пойгоҳи ҳарбии 1-уми таъминот ва нигоҳдорӣ дар шаҳри Душанбе; мактаби 9-уми байниҳавзавии ҳайати сержантии хизмати сагҳо; мактаби 6-уми округии ошпазҳо; баталиони 10-уми алоҳидаи муҳандисӣ-сохтмонӣ; госпитали 1-уми округӣ; Нуқтаи назорати гузаргоҳии «Душанбе». Дар ин давра аз тарафи сарҳадбонони Россия зиёда аз 1300 вайронкунандагони сарҳади давлатӣ боздошт шуда, 850 интиқоли ғайриқонунӣ пешгирӣ шуданд, зиёда аз 80 ҷойгоҳҳои махфии аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ дарёфт шуда, зиёда аз 900 адад аслиҳа, 7 тонна маводи мухаддир мусодира гардида, 300 маротиба бо вайронкунандагони сарҳад муҳорибаи ҷангӣ ба амал омадаанд[10].

Дар бораи ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар оғози асри XXI сухан карда, муаллиф қайд менамояд, ки ин раванд бо якчанд лаҳзаҳои манфӣ мураккаб мегардад. Бартараф кардани номувофиқатии возеҳ байни Тоҷикистон ва Россия дар масъалаи ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ дар Сочи моҳи июни соли 2004 ҳангоми мулоқоти Президентони ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин сурат гирифт. Сарварони ду кишвар барои умқи ҳамкорӣ ва муносибатҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ сухан карданд. Ин масъалаҳо, инчунин, дар рафти боздидҳои расмии В. В. Путин ба Тоҷикистон 5 октябри соли 2012 ва 27 феврали соли 2017 дар доираи мулоқоти навбатии Созмони ҳамкории Шанхай баррасӣ гардиданд.

[10] Пурратар ниг: Пирумшоев Х., Маликов М. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений: монография/ Х. Пирумшоев, М. Маликов. – Душанбе, 2009. – 688 с.

Дар зербоби дуюм «**Пояи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи ҳарбӣ дар даврони истиқлолият**»муаллиф дар бораи он менависад, киалоқаҳои мутақобилаи ҳарбӣ-техникӣ дар даврони истиқлолият байни Тоҷикистон ва Россия дар доираи ниҳоят маҳдуди майдони ҳуқуқӣ инкишоф меёфтанд. Дар баробари ин, пояи меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамкории дуҷониба дар соҳаи ҳарбӣ доим мукаммал мегардид. Дар маҷмӯъ, байни Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ дар сатҳҳои мухталиф зиёда аз 60 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба имзо расидааст. Ин пояи ҳарбӣ ҳалли вазифаҳои ҳамкории ҳарбӣ-сиёсиро таъмин менамуд.

Дар баробари ин, дар таҳқиқот қайд мегардад, ки на ҳама созишномаҳо дар ҳаҷми пурра амал мекарданд. Қисме аз онҳо ба талаботи муосир ва вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар Тоҷикистон ва тамоми минтақа ҷараён дошт, ҷавобгӯ набуданд. Ба ғайр аз ин, барои иҷрои аҳднома ва созишномаҳо таъсири муассирро бухрони молиявӣ–иқтисодӣ расонд, ки чи дар Россия ва чи дар Тоҷикистон ба назар мерасид. Ин ҳолат татбиқи як қатор муқаррароти вобаста ба расондани мусоидат ба Тоҷикистонро дар бунёди қувваҳои мусаллаҳ ва қувваҳои сарҳадии он хеле душвор мекард.

Ҳамзамон, аллакай 15 майи соли 1992 “Созишнома дар бораи принсипҳои асосии ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ байни кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ” ба имзо расида, 25 майи соли 1993 Созишномаи дуҷониба дар бораи мақоми ҳуқуқии Қувваҳои сарҳадии Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, қабул гардида, 30 январи соли 2003 Созишномаи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия «Дар бораи ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ» ба имзо расид. Ин ҳуҷҷатҳо аз он шаҳодат медоданд, ки ҳамкории ҳарбӣ дар чанд сатҳ ва самт амалӣ мешавад. Пеш аз ҳама, ин мулоқоти сарварони кишварҳои ИДМ, котибони Шӯрои Амнияти ИДМ, роҳбарони вазоратҳои мудофиа, корҳои хориҷӣ ва ғайра ба шумор мераванд.

Боби дуюми таҳқиқот «**Рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникииТоҷикистон ва Россия дар оғози асри XXI**» номгӯзорӣ шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб **«Фаъолшавии муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар шароити муосир»** заминаҳои ошкор ва қонуниятҳои фаъолшавии муносибатҳои ду кишвар дар шароити афзоиши хатари террористӣ ва ифротгароӣ, зимнан на танҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ асоснок шудаанд.

Муҳаққиқ менависад, ки дар оғози ҳазорсолаи нав ва солҳои минбаъда ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар маҷрои вохӯрии Президентони ду кишвар ҷараён доштанд. Масалан, мулоқоти Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия (апрели соли 2001, июни соли 2004, октябри соли 2005 дар Москва, январи соли 2006 дар Санкт-Петербург, майи соли 2006 дар Сочи, июни соли 2007 дар Челябинск, соли 2013 дар Ново-Огарево, апрели соли 2019 дар Москва) ва боздидҳои Президенти Федератсияи Россия ба Душанбе (ноябри соли 1999, июли соли 2000, октябри соли 2001, апрели соли 2003, боздиди расмии Сарвари давлат моҳи октябри соли 2004, августи соли 2008, сентябри соли 2011, октябри соли 2012, феврали соли 2017), инчунин, мулоқотҳо дар сатҳи вазорату мақомотҳои ҳарбӣ, дар маҷмӯъ бо мақсади муҳокимаи самтҳои асосии муносибатҳои Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, сарҳадӣ сурат гирифтанд. Дар баробари ин масъалаҳои омода кардани мутахассисони ҳарбӣ барои Тоҷикистон, баргузор кардани машқҳои муштараки ҳарбӣ, дар маҷмӯъ, таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ дахл карда шуданд.

Тоҷикистон ва Россия ҳамеша муттаҳидони стратегӣ буданд ва хоҳанд буд, ки муносибатро дар тамоми самтҳо, бахусус, дар соҳаи ҳарбӣ тавсеа дода мустаҳкам менамоянд. Масалан, соли 1999 байнидукишварАҳднома дар бораиташкили пойгоҳиҳарбии Россия дар Тоҷикистонба имзо расид, вале тасвиби ондар Думаи давлатӣ тӯл кашид. Тавре маълум аст, ташаббуси ташкили чунин пойгоҳ дар ҳудуди кишвар аз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баромада, воқеияти тӯл кашидани тасдиқи ин аҳднома аз ҷониби Думаи давлатии Россия каме таъсири манфӣ дошт. Ба ақидаи муҳаққиқ, аслан ин масъала дар маблағгузории ин пойгоҳ ифода меёфт. Вале дар натиҷа ин аҳднома ба тасвиб расид.

Боздиди расмии Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи августи соли 2008 ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия такони нав бахшид. Каме пештар Думаи давлатии Федератсияи Россия 11 июни соли 2008 созишномаро дар бораи истифодаи воситаҳои қувваҳои мусаллаҳ, дар маҷмӯъ ҳимояи манфиатҳои ду кишварро тасдиқ намуд. Дар чаҳорчӯбаи ин созишнома барои татбиқи ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ бо Тоҷикистон тадриҷан ҷудо намудани 50 млн. доллар пешбинӣ мегардид.

Дар натиҷаи боздиди мазкур дар шаҳри Душанбе Созишнома дар бораи инкишофи ҳамкориҳои ҳарбӣ ваҳарбӣ-техникӣ байни ду

кишвар ба имзо расид. Дар асоси ин ҳуҷҷат Россия метавонист аэродроми ҳарбии Ҳисорро (Айнӣ) истифода барад, ин шаҳодати бевосита аз он буд, ки мустаҳкам кардани ҳамкории ду кишвар як ҳадафро пайгирӣ менамояд - таъмини субот, оромӣ, сулҳ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия алоқаҳои байнидавлатиро дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ фаъолона инкишоф медиҳанд, ки бешубҳа, ба манфиатҳои мутақобилаи ҳар ду кишвар ҷавобгӯ мебошад. Густариши ҳамкорӣ бо Россияро мебояд ҳамчун омили муҳимтарини боэътимоди мустаҳкам кардани истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар маҷмӯъ, тамоми Осиёи Марказӣ баррасӣ намуд.

Бо шарофати дурандешии сиёсии роҳбарияти ду кишвар, имрӯз ҳамкории дуҷониба байни онҳо симои комилан навро мегирад, ки дар Аҳднома дар бораи ҳамкории иттифоқчигӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ба асри XXI равонашуда (16 апрели соли 1999) тасдиқ мегардад. Дар ин ҳуҷҷат самтҳои асосии ҳамкории стратегии ду кишвар дар дурнамои дарозмуддат муайян шудаанд.

Айни замон, ба ҳамкорииТоҷикистону Россия тақрибан ҳамаи вазоратҳо, мақомотҳо ва созмонҳои асосии Федератсияи Россия, ки барои Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ мебошанд, ҷалб гардидаанд. Зимнан, ҳамаи ҳамкориҳо дар асоси аҳднома ва созишномаҳо ба роҳ монда мешаванд, ки дар асоси ҳуқуқи байналхалқӣ ба тасвиб расидаанд. Ҳамкории динамикӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва ғайра ба сарварони кишварҳо имкон дод, ки як қатор аҳдномаҳои муҳимро ба имзо расонанд.

Аллакай пойгоҳи ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст, ки инкишофи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Россияро дар шароити истиқлолият таъмин менамояд.

Ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар қаринаи чунин вазифаҳои умумӣ, ба монанди мустаҳкам кардани амният ва субот дар минтақа ба назар мерасанд.

Зербоби дуюм **«Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи баргузор кардани машқҳои ҳарбӣ ва саҳми Россия дар омода кардани кадрҳо барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифтааст. Дар онмуҳаққиқ ба таври муфассал вабо далел таҳлил менамояд, ки чӣ гуна аҳднома ва созишномаҳои соҳаи ҳарбӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар амал татбиқ карда мешаванд. Қайд

мегардад, ки барномаи омӯзиши курсантони тоҷик дар ИМА ва дигар кишварҳо аз омӯзиш дар Россия кам мебошад. Ҳамасола дар муассисаҳои олии ҳарбии Россия 300-400 хизматчии ҳарбии тоҷик ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд ( ИМА - то 10 нафар).

Дар доираи ҳамкории Россия ва Тоҷикистон дар соҳаи ҳарбӣ аҳамияти зиёдро баргузор намудани машқҳои муштарак доро мебошанд. Масалан, аз рӯйи барномаи «Сипари ҷанубии Иттиҳод» 31 марти 2000 сол дар шаҳри Душанбе машқҳои калонмиқёси ҳарбӣ-фармондеҳӣ гузаронида шуданд. Ба қавли Вазири мудофиаи Россия, чунин машқҳо ба таври мунтазам гузаронида хоҳанд шуд.

Дар маҷмӯъ, ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар марҳилаи муосир ҷанбаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

1. Таълим ва омода кардани мутахассисони ҳарбӣ барои Тоҷикистон, ки дар ин самт зимни мулоқоти Президен Эмомалӣ Раҳмон бо Сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Федератсияи Россия генерал Л. Корнуков 11 марти соли 2000 мувофиқа ҳосил шуда буд.
2. Воридоти техникаи ҳарбӣ барои қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон.
3. Таъмири техникаи ҳарбӣ.
4. Азнавсозии муштарак ва истифодаи минбаъдаи аэродроми (парвозгоҳ)-и «Айнӣ».

Аз соли 2001 то ҳол Россия зиёда аз 2000 мутахассисони ҳарбиро барои Тоҷикистон омода кардааст, ки дар навбати худ, мавқеи Россияро дар масъалаҳои калидии сиёсати байналхалқӣ, ба монанди зарурати ислоҳоти СММ, САҲА, барқарор кардани сулҳ ва демократикунонӣ дар Афғонистон дастгирӣ менамояд.

Мутобиқи созишнома дар бораи буду боши пойгоҳи ҳарбии Россия дар Тоҷикистон моҳи майи соли 2018 инструкторони ин пойгоҳ дар муддати се моҳ дар машқгоҳҳои Лоҳур ва Сумбула хизматчиёни ҳарбии тоҷикро аз рӯйи ихтисосҳои нишонгир-оператор ва механикҳо-ронандагони танкҳои Т-72 ва БМП-2, ронандагон барои БТР-80, командирҳо ванишонгирони низоми реактивии оташфишонии якҷояи «Град»-ро омода намуданд. Курси омоданамоӣ бо супурдани имтиҳонҳо аз рӯйи дониши назариявӣ ва иҷрои машқҳои тирпаронии назоратӣ ба анҷом расид.

Ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар солҳои охир дар самти баргузор намудани машқҳои муштараки ҳамасолаи ҳарбӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол гаштанд.

26 сентябри соли 2018 вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СААД изҳороти муштаракро оид ба масъалаҳои муқовимат бо таҳдиду хатарҳои аз ҳудуди Афғонистон падидаҳои мубориза бо терроризми байналхалқӣ, бахусус дар сарҳадҳои ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари аъзои СААД-ро қабул карданд.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки соли 2018 дар Россия зиёда аз 560 хизматчии ҳарбӣ аз Тоҷикистон бо омӯзиш фаро гирифта шуда, соли 2019 дар мактабҳои олии Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия 600 курсанти тоҷик ба қайд гирифта шуданд. Тавре мебинем, саҳми Россия дар омода кардани кадрҳои ҳарбӣ барои Тоҷикистон самти калидии ҳамкории ҳарбӣ бо Федератсияи Россия боқӣ мондааст. Умуман дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон Россия дар доираи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ 2370 мутахассисони ҳарбии тоҷикро омода кардааст.

Чунин инкишофи муносибатҳои ҳарбӣ-техникии ду кишвар дар доираи СААД ҳузури ҳарбии Россияро дар Тоҷикистон ба муддати дарозмуддат мустаҳкам карда, ба ҳифзи сулҳу субот дар минтақа мусоидат хоҳад кард.

Дар боби сеюмидиссертатсия «**Ҳамкории ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар доираи созмонҳои минтақавӣ оид ба мустаҳкам кардани амнияти кишвар**» масъалаҳои ҳамоҳангии амали ду кишвар дар доираи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД, СҲШ таҳқиқ мешаванд.

Зербоби аввали ин боб **«Муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ»** ба муайян намудани нақши Россия дар мустаҳкам кардани иқтидори ҳарбӣ-техникии кишварҳои ИДМ, бахусус, қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Таъкид мегардад, ки хусусияти хоси ду даҳсолаи аввали асри XXI мутаносибан, аз нуқтаи назари масъалаҳои мавриди назари муҳаққиқ таваҷҷуҳи кишварҳои Иттиҳод ба густариши алоқаҳои ҳарбӣ байни онҳо ба шумор меравад. Дар баробари ҳалли мушкилоти дохилӣ, ба маъраз дар ин кишварҳо вазифаи – ташкили механизмҳои нави ҳамкории ҳарбӣ-сиёсӣ дар сатҳи минтақаҳо дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ мебарояд. Ба ақидаи муҳаққиқ, дар доираи ИДМ, пеш аз ҳама, дар Тоҷикистон, Россия манфиатҳои миллии худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин менамояд.

Бо назардошти фаъолшавии гурӯҳҳои террористӣ дар сарҳади Тоҷикистон-Афғонистон кишварҳои аъзои ИДМ чунин санади

муҳимро, ба монанди Консепсияи ҳамкории ҳарбии давлатҳои мустақилро то соли 2020 (аз 16 октябри соли 2015) ба тасвиб расондаанд. Дар он, аз ҷумла, иҷрои амалҳои зерини кишварҳои аъзои ИДМ пешбинӣ мегардад:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои муштарак, лоиҳаҳо ва нақшаҳои ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ;
- инкишофи низоми ҳамкорӣ дар масъалаҳои таъмир, воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва азнавсозии аслиҳа ва техникаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои аъзои ИДМ;
- ҳамкорӣ дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ;
- ҳамроҳии ҳарбӣ-техникии воридоти маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ.

Маълум аст, ки ҳамкории ҳарбӣ-техникии ду кишвар дар доираи ИДМ дар охири солҳои 90-уми асри XX ва дар оғози асри XXI бо вазъи ноороми Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Аввалин амали муштараки кишварҳо оид ба таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бунёди Қувваҳои дастаҷамъии сулҳхоҳи ИДМ гардид. Албатта, Федератсияи Россия ҳамкории ҳарбӣ-техникиро бо дигар иштирокчиёни Созмон низ густариш медиҳад. Ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар доираи ИДМ таъмини амнияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро пешбинӣ менамояд.

Фаъолият оид ба ҳамкории ҳарбӣ байни Тоҷикистон ва Россия ҳамчун иштирокчиёни ИДМ дар самтҳои дигар, аз ҷумла, дар самти мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва сепаратизми динӣ татбиқ мегардад.

Шарикии стратегӣ ва ҳамкории минбаъда ба манфиати амният ба инкишофи муваффақ ва азнавсозии қувваҳои мусаллаҳи миллии кишварҳои аъзои ИДМ мусоидат менамояд.Моҳи октябри соли 2017 байни мақомотҳои ҳарбии ду кишвар Нақшаи ҳамкорӣ байни вазоратҳои мудофиаи Тоҷикистон ва Россия барои соли 2018 ба имзо расид. Ба мақсади инкишофи ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ оид ба масъалаи сарҳадӣ 28 майи соли 2018 дар шаҳри Москва дар ҷаласаи Шӯрои фармондеҳони қувваҳои сарҳадӣ Барномаи ҳамкории ИДМ дар мустаҳкам кардани амнияти сарҳадӣ дар сарҳадҳои хориҷӣ барои солҳои 2021-2025 омода гардид.

Баъди табдили Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 2 декабри соли 2004 Маҷмаи Умумии СММ қатъномаро дар бораи пешниҳоди мақоми нозир ба СААД ҳамчун созмони минтақавӣ қабул намуд. Бешубҳа, табдили Аҳдномаи

амнияти дастаҷамъӣ ба Созмон аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва фаъолшавии Россия дар фазои пасошӯравӣ аз амалҳои 11 сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк ва воридшавии кишварҳои аъзои НАТО ва ИМА ба Афғонистон бармеомаданд.

Дар чунин вазъият, кишварҳои аъзои ААД,аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадор буданд, ки тамомияти арзии худро аз таҳдидҳои геополитикии бозингарони абарқудрат ва хатарҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ муҳофизат намоянд, ки бе иштироки фаъоли Россия номумкин буд.

Ҳамин тариқ, табдили тағйири мақоми ААД комилан асоснок буд.

Дар маҷмӯъ, ҳамкории Тоҷикистонва Россия дар доираи СААД-ро метавон ба ду марҳила ҷудо намуд:

1. Марҳилаи якум, дар шаҳри Тошканд 15 майи соли 1992 оғоз гардид, ки сарваронишаш кишвари ИДМ (Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, России, Ӯзбекистон, Тоҷикистон) Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (ААД)-ро ба имзо расониданд.

2. Марҳилаи дуюм, дар шаҳри Душанбе 26-28 апрели соли 2003 ҳангоме, ки Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба созмони байналхалқии минтақавӣ (СААД) табдил дода шуд.

Албатта, ҳамкории кишварҳои аъзои СААД ба пойгоҳи васеи ҳуқуқӣ такя менамояд. Масалан, аз соли 2013, мақомотҳои дипломатии кишварҳои аъзои Созмон дар сатҳи олӣ ва вазирон зиёда аз 237 ҳуҷҷатҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро ба имзо расониданд. То ҳол Шӯрои Амнияти Дастаҷамъӣ 175 қарор дар бораи ҳамкорӣ оид ба самтҳои алоҳидаро қабул намудааст. Дар тӯли 25 сол аз рӯзи имзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ҳуҷҷатгузории зарурии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои бунёд, фаъолият, омода кардан ва истифодаи қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ ташаккул ёфтааст. Инчунин тақрибан 50 созишнома ва аҳдномаи байналхалқии сатҳи байнидавлатӣ ба имзо расидаанд, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, бунёди СААД ба он мусоидат намуд, ки кишварҳои аъзои он имконияти ислоҳоти қувваҳои дастаҷамъии амниятиашонро ба даст оварданд. Дар фаъолияти ҳаррӯза ҷузъу томҳои миллӣ зери тобеияти фармондеҳии миллӣ қарор дошта, таҳти фармони Фармондеҳии Қувваҳои дастаҷамъии зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ мутобиқи қарори Шӯрои амнияти дастаҷамъии СААД дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароитҳои муайян мегузаранд.

Дар зербоби дуюм **«Муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон ва Россия дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай»** ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар доираи СҲШ дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ баррасӣ шудааст.

Таъкид мегардад, ки Созмони ҳамкории Шанхай 24 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхай (Ҷумҳурии Халқии Хитой) ташкил шудааст. Дар доираи он Тоҷикистон бо Россия оид ба масъалаҳои мустаҳкам кардани амнияти минтақавӣ ва ҳамгироӣ, муқовимат ба хатару таҳдидҳо, таъмини амнияти кишварҳои аъзои СҲШ муваффақона ҳамкорӣ менамоянд.

Моҳи марти соли 2000 вазирони мудофиаи «Панҷгонаи Шанхай» масъалаҳои вазъи минтақавӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбиро баррасӣ намуда, 18-19 декабри соли 2000 дар шаҳри Москва дар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии «Панҷгонаи Шанхай» нақшаи ҳамкории мақомоти ҳарбии «Панҷгона»-ро барои соли 2001 қабул карданд. Моҳи июли соли 2000 Президенти Федератсияи Россия В. В. Путин ба Душанбе барои иштирок дар мулоқоти «Панҷгонаи Шанхай» омад, ки дар он зарурати фаъолшавии ҳамкории ҳарбӣ дар доираи СҲШ ва ҳалли масъалаиАфғонистон муҳокима гардиданд. Баъдан, аллакай 14-15 феврали соли 2001 намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи «Панҷгонаи Шанхай» масъалаҳоеро муҳокима намуданд, ки бо бунёди сохтори минтақавӣ оид ба мубориза ба муқобили терроризм алоқаманд мебошад. Дар ин самт дар доираи СҲШ Россия ҳамаи аъзои – созмон, аз ҷумла, Тоҷикистонро ба баланд бардоштани омодагии Қувваҳои мусаллаҳи онҳо даъват намуд. Дар таъмини амнияти «ҷабҳаи СҲШ» якҷоя бо Қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, пойгоҳи ҳарбии 201–уми Россия низ иштирок менамояд, ки ҳамеша мустаҳкам гардида азнавсозӣ мешавад.

СҲШ фаъолона механизмҳои самараноки ҳамкории зидди маводи мухаддирро коркард менамояд. Бо истифода аз таҷрибаи бадастомада, иштирокчиёни он ҳамкориро дар самти мубориза бо терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории фаросарҳадӣ ва таҳдидҳои дигар идома медиҳанд. Дар доираи ин созмон Тоҷикистон ва Россия кӯшиши ҳалли масъалаи Афғонистонро низ менамоянд. Роҳбарони ин кишварҳо чунин меҳисобанд, ки барои бозгашти Афғонистон ба ҳаёти осоишта кумаки ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин кишвар зарур мебошад.

# ХУЛОСАҲО ВА НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Стратегияи ҳамкории ҳарбии Тоҷикистон бо Россия заминаи муҳими суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи тоҷик ба шумор меравад. Ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Россия дар самти мустаҳкам кардани сулҳ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ албатта натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳанд овард. Дар маҷмӯъ, ба ақидаи муҳаққиқ, татбиқи ҳамкории ҳарбӣ-сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Россия дар дурнамои дарозмуддат метавонад ба ташаккули эътилофи муқтадири ҳарбӣ дар Осиёи Марказӣ оварда расонад [1 - А].
2. Дар солҳои охир, бо шиддати вазъият дар Афғонистон ва фаъолшавии ҷунбиши Толибон ва ба ном «Давлати исломӣ» ҳамкории ду давлат, махсусан, оид ба масъалаҳои амнияти минтақавӣ, мубориза бо терроризми байналхалқӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мустаҳкам гардид [2 - А].
3. Дар асоси Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Россия ҳамчун ташаббускори таъсиси Қувваҳои дастаҷамъии вокуниши фаврӣ ва дар асоси ҳамкории дуҷониба таъсири ҳарбии худро дар минтақа, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад [3 - А].
4. Ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ ва сиёсии Тоҷикистон бо Россия бо дарназардошти хатари терроризм, ифротгароӣ ва зуҳури гурӯҳҳои бунёдгарои динӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ тавсеа меёбад [4 - А].
5. Баъди суқути Иттиҳоди Шӯравӣ Аҳдномаи амниятӣ, ё ба ном ААД (СААД), ба мисли собиқ «Аҳдномаи Варшава», манфиатҳои ҳарбӣ ва геополитикии кишварҳои аъзои он, бахусус, Федератсияи Россияро дар фазои Авруосиё муҳофизат менамояд. Россия бо кишварҳои аъзои СААД, аз ҷумла, бо Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, ба ғайр аз ҳифзи манфиатҳои худ дар Осиёи Марказӣ, нақши калидиро дар ҳифзи соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебозад [8 - А].

# ТАВСИЯҲО
# ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Яке аз самтҳои асосии инкишофи муносибатҳо байни Россия ва Тоҷикистон ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ ва стратегӣ ба ҳисоб меравaнд. Таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологии ин шарикии ҳарбӣ ба муаллиф кумак намуд, ки моҳияти онро кушода, компонентҳои асосии ҳамкориро дар соҳаи ҳарбӣ ошкор карда, алоқаи мутақобилаи байни онҳоро муайян намояд. Инчунин, нишонаҳои хоси он ҷудо гардида, ҳадаф ва дурнамо муайян шудаанд.
2. Имрӯз вазифаи муҳим дар соҳаи ҳамкории ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия коркарди минбаъда ва роҳандозӣ дар амали муносибатҳои байналхалқӣ дар чунин самтҳои ҳарбӣ-илмӣ, аз қабили шарикии стратегӣ ба шумор меравад.Дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегии дуҷонибаю бисёрҷониба ва татбиқи барномаи ҳарсолаи ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия пешниҳод мешавад, ки дар заминаи марказҳои ҳарбӣ-илмӣ ва мактабҳои олии ҳарбӣ лоиҳаи ягонаи таҳқиқотии илмӣ-ҳарбӣ оид ба масъалаҳои коркард, истеҳсол, истифода, азнавсозӣ ва стандартикунонии техникаи ҳарбӣ асоснок карда шавад.
3. Барои суботи вазъи Осиёи Марказӣ ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бояд механизми нисбатан самараноки татбиқи тамоми аҳдномаҳои байнидавлатии ҳарбӣ, созишномаҳо ва асноди дигарро ёбанд, ки бе иҷрои онҳо дар амал танҳо ба сифати омилҳои муносибатҳои стратегӣ байни ду кишвар баромад менамоянд.
4. Баъди баррасии чунин самтҳои ҳамкорӣ, аз қабили машқҳои муштараки ҳарбӣ ва тайёр кардани мутахассисони ҳарбӣ, муҳаққиқ ба хулосаи зарурати такмили омодагии ҷангӣ, ҷисмонӣ ва психологии ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи Россия ва Тоҷикистон, инкишофи маҳорати дақиқ иҷро намудани ухдадориҳои худ дар шароити кӯҳсор омадааст. Ин, пеш аз ҳама, муҳим аст, ки амали қувваҳои мусаллаҳ дар Осиёи Марказӣ метавонанд дар шароитҳои ғайричашмдошт – дар кӯҳҳо, биёбонҳо, минтақаҳои наздикӯҳӣ гузаранд.
5. Таҳлили муқоисавии фаъолияти созмонҳои минтақавии аниятӣ нишон медиҳанд, ки САҲА ва НАТО дар фаъолияти худ ба идеологияи либералӣ такя менамоянд. Ба кадом идеология

кишварҳои аъзои СААД мавқегирӣ менамоянд, алҳол возеҳ нест. Дар ҳар сурат, наслҳои ҷавон, ки дар фазои СААД зиндагӣ менамоянд, бояд хуб дарк намоянд, ки барои чӣ ба хизмат даъват гардида, манфиатҳои онҳо дар чӣ ифода меёбанд.

6. Барои сарҳади кишварҳои аъзои СҲШ пешниҳод мегардад, ки неруҳои доимии дастаҷамъонаи СҲШ таъсис дода шаванд. Онҳо муҳофизати иштирокчиён аз хатару таҳдидҳои муосир ва муқовимат бо амалҳои НАТО-ро дар минтақа кафолат хоҳанд дод.
7. Тавсияҳои коркарднамудаи муҳаққиқ метавонанд дар раванди тадриси фанҳои муайян дар мактабҳои олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва фаъолияти мақомотҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва ҳарбии ду кишвар истифода шаванд.

## ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар маводи интишории зерин дарҷ шудааст:**

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[1 - А] Амиров Т. Ш. Военно-техническое сотрудничество Таджикистана и России в начале XXI века. [Матн] /Т.Ш. Амиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №2/2 – С. 289-291.

[2 - А] Амиров Т. Ш. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳамчун омили мустаҳкамии амнияти Осиёи Марказӣ. [Матн] /Т. Ш. Амиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №3. – С. 249-253.

[3 - А] Амиров Т. Ш. Военные отношения Таджикистана и России в рамках Шанхайской организации сотрудничества (ШОС). [Матн] /Т.Ш. Амиров //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №2 (74). – С. 306-309.

[4 - А] Амиров Т. Ш. Политико-правовые основы военно-технического сотрудничества Таджикистана и России в периоде 1999-2018. [Матн] /Т.Ш. Амиров //Маърӯзаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №1-2 (001-002). – С. 111-116.

**Б) Дар нашрияҳои дигар:**

[5 - А] Амиров Т. Ш. Становление и развитие таджикско-российского военно-технического сотрудничества. [Матн] /Т.Ш. Амиров //Муҳаққиқ.– Душанбе, 2016. №15 (15). – С. 137-140.

[6 - А] Амиров Т. Ш. Рушди муносибатҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар замони Истиқлолият. [Матн] /Т.Ш. Амиров //Паёми Донишкадаи ҳарбӣ. – Душанбе, 2018. №2 (16). – С. 9-13

**В) Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ:**

[7 - А]Амиров Т. Ш. Асосҳои ҳуқуқии ҳамкории ҳарбии Россия ва Тоҷикистон в 1990-2000 гг.//IV Всероссийский фестиваль науки, XVIII конференцияи байналхалқии донишҷӯён, аспирантон ва олимони ҷавон «Наука и образование», (21-25 апреля). – Томск, 2014. – С. 156-159.

[8 - А] Амиров Т. Ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ Тоҷикистон ва Россия дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (политический анализ) // VIII глобальная наука и инновации 2020: Центральная Азия. Маҷаллаи илмӣ-назариявии байналхалқии «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2020 CENTRAL ASIA».– Астана, 2020. – С. 4.- 7.

# АННОТАЦИЯ

**диссертации Амирова Толиба Шарифовича на тему: «Состояние и развитие военно-технических отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в начале XXI века (политический аспект)», представленной на соискание ученой степени доктора философии (Phd), –доктора по специальности 6D 050200 -Политология**

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Российская Федерация, Центральная Азия, дипломатическое, политическое, военно-техническое сотрудничество, отношения, стратегическое партнерство, правовые основы, террористические и экстремистские угрозы, внешняя политика, военные учения, безопасности, граница, региональные организации.

Целью исследования является изучение состояния и развития таджикско-российского военно-технического сотрудничества в начале XXI в. В анализе проблемы применялся метод сравнительного анализа и комплексный подход к изучению военно-политических явлений, а также автором использовались общенаучные и специальные методы: логический, исторический, хронологический, и другие.

Поэтому результаты и новизна диссертации рекомендованы для использования на базе Высших учебных военных заведениях Республики Таджикистан и Российской Федерации и в процессе деятельности дипломатических, политических и военных ведомств двух государств в области политических проблем международных отношений, глобального и регионального развития.

Диссертация Амирова Т. Ш. посвящена одной из самых актуальных тем, которая фокусируется на двустороннем и многостороннем военно-техническом сотрудничестве Республики Таджикистан и Российской Федерации в современных условиях, исследовании влияния фактора в стратегических, политических и военных интересов двух стран в регионе. По мнению автора, основная суть диссертационного исследования заключается в том, что дипломатические, политические и военно-технические отношения стали основой для укрепления и расширения стратегического партнерства между двумя странами.

Автор диссертации анализирует эффективные подходы четкого и конкретного развития процесса военно-технических отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в формате региональных организаций, таких как Содружество Независимых Государств, Организация договора о коллективной безопасности и Шанхайская организация сотрудничества в начале XXI века.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Амиров Толиб Шарифович дар мавзӯи «Ҳолат ва дурнамои муносибатҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар оғози асри XXI (ҷанбаи сиёсӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200-Сиёсатшиносӣ**

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Осиёи Марказӣ, дипломатӣ, сиёсӣ, муносибатҳои ҳарбӣ-техникӣ, муносибатҳо, шарики стратегӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, таҳдиди терроризм ва экстремизм, сиёсати хориҷӣ, машқҳои ҳарбӣ, бехатарӣ, сарҳад, созмонҳои минтақавӣ.

Ҳадафи таҳқиқот омӯзиши ҳолат ва инкишофи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Тоҷикистону Россия дар оғози асри XXI ба ҳисоб меравад. Дар таҳлили масъала метод таҳлили муқоисавӣ ва равиши комплексии омӯзиши падидаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ истифода шуда, инчунин муаллиф методҳои умумиилмӣ ва махсусро: мантиқӣ, таърихӣ, хронологӣ ва ғайраро истифода намудааст.

Аз ин рӯ, натиҷаҳо ва навгонии диссертатсия барои истифода дар заминаи Муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва дар раванди фаъолияти мақомотҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва ҳарбии ду кишвар дар соҳаи масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ тавсия мегарданд.

Диссертатсияи Амиров Т. Ш. ба яке аз мавзӯъҳои мубраме бахшида шудааст, ки дар ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити муосир, таҳқиқи таъсири омили манфиатҳои стратегӣ, сиёсӣ ва ҳарбии ду кишвар дар минтақа мутамарказ гаштааст. Ба ақидаи муаллиф, моҳияти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ-техникӣ асос барои таҳким ва тавсеаи шарикии стратегӣ байни ду кишвар гаштааст.

Муаллифи диссертатсия равишҳои самараноки дақиқ ва мушаххаси рушди раванди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар қолаби созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай дар оғози асри XXI мавриди таҳлил қарор додааст.

**ABSTRACT**

**fo dissertation of Amirov Tolib Sharifovich on the topic of: "State and development of military and technical relations of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation at the beginning of the XXI century (political aspect)", submitted for the degree of doctor of philosophy (Phd) - doctor of specialty 6D050200 - Political Science**

**Keywords:** Republic of Tajikistan, Russian Federation, Central Asia, diplomatic, political, military-technical cooperation, relations, strategic partnership, legal framework, terrorist and extremist threats, foreign policy, war games, security, border, regional organizations.

The aim of the study is to study the state and development of Tajik-Russian military and technical cooperation in the early XXI century., the method of comparative analysis and an integrated approach to the study of military and political phenomena were used in the analysis of the problem, and the author also applied general scientific and special methods: logical, historical, chronological, and others.

Therefore, the results and novelty of the dissertation will be used in higher educational military institutions of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation and in the activities of diplomatic, political and military departments of the two States in the field of political problems of international relations, global and regional development.

The dissertation of T. Sh. Amirov is devoted to one of the most relevant topics, which focuses on bilateral and multilateral military-technical cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in modern conditions, the study of the influence of factors in the strategic, political and military interests of the two countries in the region. According to the author, the main point of the dissertation research is that diplomatic, political and military-technical relations have become the basis for strengthening and expanding strategic cooperation between the two countries.

The author of the dissertation analyzes effective approaches of clear and concrete development of the process of military and technical relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in the format of regional organizations such as the Commonwealth of Independent States, the collective security Treaty Organization and the Shanghai cooperation organization at the beginning of the XXI century.